Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Искандарзода Ҳофиз Ҳаким дар мавзуи «Такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир: назария, методология, амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10. – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод гардидааст.**

Дар ҳамаи низомҳоми иқтисодии нав ва пештар мавҷудбуда ба инсон ҳамчун сармоя, омили истеҳсолот, субъекту объекти идоракунӣ ва ҳамчун субъекти асосии муносибатҳои иқтисодӣ афзалияти махсус дода шудааст. Зоҳиршавии нақши инсон ҳамчун сармоя ҷанбаҳои гуногун дорад: инсон ҳамчун ихтироъкор-навовар, сарчашмаи рушди илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ ба ҳисоб меравад, бо ӯ ҳамчун ба сармояе муносибат мекунанд, ки бо меҳнату заҳмати зеҳнию ҷисмонияш ҳам ба худ ва ҳам ба ҷомеа нафъ мебахшад, ҳамчун фарди алоҳида узви ташаккулдиҳандаи ҷомеаи муосир маҳсуб мешавад ва инчунин ба ҳайси истеъмолкунандаи тамоми неъматҳо баромад мекунад. Гуногунҷабҳа будани нақши инсон ба он оварда расонд, ки дар баробари чунин мафҳумҳо ва асосҳои назариявӣ ба монанди қувваи корӣ, захираҳои меҳнатӣ, захираҳои инсонӣ, фарди ҷомеа, дар солҳои 60-70-уми асри гузашта назарияи нав – назарияи сармояи инсонӣ пайдо шуд. Дар аксарияти назарияҳои илмӣ се унсури асосии сармояи инсониро аз ҳамдигар фарқ мекунанд: сармояи касбӣ, сармояи фарҳангӣ ва сармояи саломатӣ. Ҳамаи унсурҳои сармояи инсонӣ муҳим буда, аҳамияташон дар як сатҳ қарор дорад, яъне онҳо баробаразишанд ва яке дигаре пурра намуда, дар якҷоягӣ куллияти томи сармояи инсониро ташаккул медиҳанд. Бинобар ин, танҳо таъмини куллиёти томи ин унсурҳо ҳамчун

асоси бунёдии сармояи инсонӣ арзёбӣ мешаванд ва дар раванди рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир нақши муассир бозида метавонанд.

Ҷанбаҳои гуногун доштани сармояи инсонӣ дар навбати худ масъалаи идоракунии самаранокро талаб менамояд, ки дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт, коркарди равишҳои нав ва такмилдиҳиро пешбинӣ менамояд.

Аз ин рӯ, бо эътимоди комил метавон қайд кард, ки нуқтаҳои дар боло қайдгардида ва масъалаҳои зикршуда аз аҳамияти назаррас ва мубрамияти рӯзмарра доштани таҳқиқоти илмии докторант Искандарзода Ҳ.Ҳ. шаҳодат медиҳанд.

Дар автореферати диссертатсияи мазкур асосҳои илмию назариявӣ, методологӣ ва амалии идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир мухтасар дида баромада шудаанд. Раванди таҳаввулоти донишҳои илмӣ-назариявӣ, методологӣ ва амалии идоракунии сармояи инсониро дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир тавсиф дода, муаллиф воситаҳо, усулҳо, ниҳодҳо, сарчашмаҳо ва доираҳои рушду ташаккулёбии сармояи инсониро вобаста ба талаботҳои иҷтимоию инноватсионии иқтисодиёти муосир аниқ ва асоснок кардааст.

Асосноккунии самтҳои рушду инкишофи сармояи инсонӣ вобаста ба дигаргуншавии муносибатҳо дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт низ шоистаи диққати махсус мебошанд, ки ин ҷо муаллиф муттаҳидсозии сармояи инсонӣ + таъмини шуғли самаранок + ташаккули рақобатпазирии истеҳсолотро дар шакли амсилаи кластери таълимӣ пешниҳод кардааст.

Инчунин, таҳқиқ ва истифодабарии усулҳои арзёбии сифатии идоракунии сармояи инсонӣ, асосноккунии маҷмуи донишҳои муосир, қобилият, малака ва таҷрибаи андӯхтаи шахс, шуморидани хусусиятҳои маълумотнокӣ ҳамчун ҷузъи сармояи инсонӣ қобили мулоҳиза ва диққат мебошанд.

Аз ин ҷо метавон чунин хулоса баровард, ки таҳқиқоти диссертатсионии Искандарзода Ҳ.Ҳ. ҳамчунин аҳамияти муайяни амалӣ дорад, чунки он дар имконияти истифодашавандагӣ доштани натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли масоили такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир зоҳир мегардад. Пешниҳод ва тавсияҳоро оиди такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода кард.

Дар қатори афзалиятҳо ва ҷанбаҳои мусбии рисолаи илмии мазкур, баъзе ҳолатҳои мубоҳисавӣ ва норасоиҳои муайяне низ ба назар мерасанд.

Якум, беҳтар мешуд, агар докторант нақши кадрҳоро дар татбиқи инноватсияҳо таҳлил намуда, аҳамияти онҳоро дар рушди инноватсионии корхонаҳо баҳодиҳӣ мекард.

Дуюм, дар таҳқиқоти илмӣ муаллиф самаранокии амалигардонии тавсия ва пешниҳодҳои худро оиди такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир шарҳу тавсиф надодааст.

Эродҳои таъкидшуда ва ҳолатҳои мубоҳисавии зикргардида арзиши мусбӣ ва умумии рисолаи илмии иҷрогардидаро паст намекунанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд. Таҳқиқот мавзӯи аҳамиятнокро дар бар гирифта, вазифаҳои гузошташуда иҷро гардидаанд. Дастовардҳои илмии барои ҳимоя ироагардида, хулосаю пешниҳодҳои асоснокшуда эътимодбахш буда, бо навоварии илмӣ фарқ мекунанд ва тасаввуроти муҳаққиқонро оиди такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир васеъ месозанд, ки ба талаботҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқанд.

Аз рӯйи автореферат, кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзӯи «Такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир: назария, методология, амалия»,

анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии худ, ҷавобгӯи талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи он Искандарзода Ҳ.Ҳ. дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ менеҷмент) дода шавад.

Тақриздиҳанда:
Директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, д.и.и. Бобозода К.О.
04.06.2025

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур
кӯчаи Мирзо Ризо, ҳуҷраи 6А
Тел.: (+992) 934488884
E-mail: bobozoda.komil@mail.ru

Имзои О.К. Бобозодаро -ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
ИИД АМИТ Зиёева М.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ